Замима ба қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз «___» ________с.20___, №___

# Тағйиру иловаҳо ба дастурамали №255 «дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ»

Ба дастурамали №255 «дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ», ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2022, №157 тасдиқ шудааст тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Банди $2^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

“$2^1$. Қарзи хурди муштарак – қарзи хурдест, ки аз ҷониби ташкилоти қарзии хурд ва фонди қарзии хурд бо воситаи воҳидҳои сохтории дигар ташкилотҳои қарзӣ дар якҷоягӣ ба қарзгир бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардондан ба муҳлати муайян дода шудааст”.

2. Банди $9^1$ бо мазмуни зерин низ илова карда шавад:

“$9^1$. Ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд метавонанд дар ҳамкорӣ бо дигар ташкилотҳои қарзӣ бо воситаи воҳидҳои сохтории онҳо, қарзҳои худро ба қарзгирон пешниҳод намоянд. Ҳамкории дуҷониба бояд бо шартномаи хизматрасонӣ ва санадҳои меъёрии дохилии ташкилотҳои қарзӣ ба танзим даровarда шавад.”